**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба диссертатсияи доктории Рустамзода Саодат Рустам дар мавзуи «Методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ. – Хуҷанд, 2026. – 487 с.**

Диссертатсияи Рустамзода Саодат Рустам дар мавзуи «Методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ба яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносии муосир, тарҷумашиносӣ ва истилоҳшиносӣ бахшида шуда, ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ пурра мувофиқат мекунад.

Дар замони ҷаҳонишавии фазои илмӣ, рушди босуръати равандҳои ҳамгироии фарҳангҳо, густариши робитаҳои байналмилалӣ ва афзоиши ҳаҷми мубодилаи иттилооти илмӣ масъалаи тарҷумаи дақиқ, муътамад ва аз ҷиҳати илмӣ асосноки истилоҳоти соҳаи илмҳои гуманитарӣ аҳаммияти хосса касб менамояд. Маҳз дар ҳамин замина таҳқиқи методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмӣ байни забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҳамчун яке аз масъалаҳои калидии тарҷумашиносии муосир арзёбӣ гардида, диссертатсияи навбатӣ ба ҳалли илмии ҳамин масъала нигаронида шудааст.

Мубрамии мавзуи диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки то имрӯз масъалаҳои умумии тарҷумаи истилоҳот, ташаккули низоми истилоҳӣ ва муодилнокии байнизабонӣ дар корҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ баррасӣ гардида бошанд ҳам, таҳияи методологияи мушаххаси тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар муқоисаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба таври фарогир мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

Муаллифи диссертатсия бо дарки дурусти аҳаммияти масъалаи мазкур кӯшиш намудааст, ки ҷанбаҳои таърихӣ, назариявӣ ва амалии тарҷумаи истилоҳоти гуманитариро таҳлил намуда, роҳу воситаҳои муассири интиқоли онҳоро аз як забон ба забони дигар муайян намояд.

Навгонии илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки бори аввал методологияи комплексии тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ байни забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо назардошти омилҳои забонӣ, фарҳангӣ ва коммуникативӣ таҳия гардидааст. Муаллиф меъёрҳои интихоби муодилҳои тарҷумавиро мушаххас намуда, принсипҳои стандартизатсия ва мутобиқсозии истилоҳотро асоснок кардааст. Инчунин, тавсияҳои илмӣ оид ба такмили низоми истилоҳсозӣ ва тарҷумаи матнҳои илмӣ пешниҳод шудаанд, ки метавонанд барои рушди истилоҳшиносии тоҷик ва тарҷумашиносии муқоисавӣ саҳми арзишманд гузоранд.

Дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомёфта асосҳои назариявии методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ такмил ёфта, мақом ва робитаи мафҳумҳои метод, стратегия ва техника (равиш)-и тарҷума дар низоми тарҷумашиносӣ мушаххас карда шуданд. Исбот гардид, ки низоми истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ аз истилоҳоти илмҳои табиӣ-риёзӣ аз рӯйи хусусиятҳои сохторӣ, маъноӣ ва фарҳангӣ фарқ намуда, ин фарқият ба интихоби методология, стратегия ва воситаҳои тарҷума таъсири мустақим мерасонад. Муайян карда шуд, ки марҳилаҳои истилоҳгуна, истилоҳшавӣ, ҳазфи истилоҳ ва таҷдиди истилоҳ яке аз омилҳои асосии тағйирёбии маъно ва пайдоиши мушкилоти тарҷуманопазирӣ буда, омӯзиши онҳо барои интихоби усули муносиби тарҷума аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Ҳамчунин, омилҳои асосии тарҷуманопазирии истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ, аз ҷумла сермаъноӣ, муродифпазирӣ, омонимия, асимметрияи байнизабонӣ ва «дӯстони дурӯғини тарҷумон» муайян гардида, роҳҳои илмии бартарафсозии онҳо пешниҳод шуданд. Дар асоси таҳлил исбот гардид, ки тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ бештар ба стратегияҳои тарҷумаи ғайримустақим ва мутобиқсозии маъноиву фарҳангӣ такя мекунад, дар ҳоле ки истилоҳоти илмҳои табиӣ-риёзӣ асосан бо усулҳои мустақими тарҷума интиқол меёбанд. Дар баробари ин, таснифи равишҳои тарҷумаи истилоҳоти соҳаҳои асосии илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳия гардида, хусусиятҳои соҳавии онҳо дар заминаи фарҳангҳои

тафсирӣ, луғатҳои соҳавӣ ва матнҳои тарҷумашуда муайян карда шуданд. Ҳамчунин, таснифи таҳвилоти тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ аз рӯйи се сатҳи луғавӣ, дастурӣ ва услубӣ пешниҳод гардида, нақши онҳо дар ҳифзи муодилнокии маъно, хусусиятҳои услубӣ ва дақиқии интиқоли мафҳумҳои илмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ асоснок карда шуд.

Натиҷаҳои диссертатсия нишон медиҳанд, ки муаллиф ба ҳадафи асосии таҳқиқ – муайян намудани асосҳои назариявӣ ва амалии методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ – ноил гардидааст.

Яке аз дастовардҳои муҳимми таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф масъалаи тарҷумаи истилоҳоти гуманитариро ҳамчун падидаи мураккаби забонӣ, маъноӣ ва фарҳангӣ баррасӣ намуда, онро танҳо ба ҷустуҷӯи муодили луғавӣ маҳдуд насохтааст. Чунин муносибат ба хусусияти воқеии истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ мувофиқ буда, нишон медиҳад, ки дар интиқоли мафҳумҳои илмӣ омилҳои таърихӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ нақши муҳим доранд.

Натиҷаҳои диссертатсия бо истифодаи методологияи муосири тарҷумашиносӣ, усулҳои муқоисавӣ, тавсифӣ, таҳлилӣ ва истилоҳшиносӣ, инчунин бо такя ба маводи мўътамади илмӣ таъмин гардидааст. Пойгоҳи таҷрибавии таҳқиқро истилоҳоти соҳаҳои гуногуни илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, матнҳои тарҷумашуда, фарҳангҳои тафсирӣ ва соҳавӣ, асарҳои илмӣ ва сарчашмаҳои назариявии ватаниву хориҷӣ ташкил медиҳанд. Хулосаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқ дар заминаи таҳлили муқоисавии маводи воқеии забонӣ, баррасии роҳу усулҳои тарҷумаи истилоҳот ва арзёбии хусусиятҳои сохторию маъноии онҳо ба даст оварда шудаанд. Эътимоднокии натиҷаҳо ҳамчунин бо мувофиқати хулосаҳои пешниҳодшуда ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, истифодаи мисолҳои сершумори таҳлилӣ ва татбиқи пайдарпайи усулҳои илмии таҳқиқот тасдиқ мегардад. Натиҷаҳои бадастомада дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, метавонанд барои такмили методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ, таҳияи

фарҳангҳои соҳавӣ, меъёргузории истилоҳот, инчунин дар фаъолияти тарҷумонӣ, таълимӣ ва таҳқиқоти минбаъдаи соҳаи тарҷумашиносӣ истифода шаванд.

Хулоса ва натиҷаҳои илмии диссертатсия, ки ба масъалаҳои методология, назария ва амалияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ байни забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудаанд, метавонанд дар таълими як қатор фанҳои ихтисосӣ ва байнисоҳавӣ мавриди истифодаи васеъ қарор гиранд. Аз ҷумла, онҳо барои такмили муҳтавои курсҳои тарҷумашиносӣ, назарияи тарҷума, амалияи тарҷума (тоҷикӣ-англисӣ ва англисӣ-тоҷикӣ), истилоҳшиносӣ, лексикология, лексикография, забоншиносии муқоисавӣ ва типологӣ, фарҳангнигорӣ ва услубшиносӣ, инчунин курсҳои тарҷумаи матнҳои илмӣ ва тахассусӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд дар таълими фанҳои тахассусии соҳаҳои гуманитарӣ, аз ҷумла фалсафа, забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, таърих, фарҳангшиносӣ, ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ, равоншиносӣ, педагогика, ҳуқуқшиносӣ, иқтисодиёт ва диншиносӣ, махсусан дар бахшҳои марбут ба омӯзиши истилоҳоти соҳавӣ ва тарҷумаи онҳо, истифода шаванд.

Илова бар ин, натиҷаҳои диссертатсия метавонанд ҳамчун заминаи илмӣ барои таҳияи барномаҳои таълимӣ, дастурҳои таълимӣ ва методӣ, луғатҳои дузабона ва тафсирии соҳавӣ, инчунин барои омода намудани магистрантон, докторантон (PhD) ва такмили ихтисоси тарҷумонҳо, омӯзгорони забон ва мутахассисони соҳаҳои гуманитарӣ хизмат намоянд.

Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, хулоса, тавсияҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат буда, сохтори он ба ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда мутобиқ мебошад. Муаллиф дар панҷ боби диссертатсия масъалаи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитариро аз мавқеи таърихӣ, назариявӣ, методологӣ ва татбиқӣ мавриди омӯзиш қарор додааст, ки ин имкон медиҳад, ки падидаи мазкур ҳамчун масъалаи мураккаби

байнисоҳавии забоншиносӣ, истилоҳшиносӣ ва тарҷумашиносӣ таҳлил гардад.

**Муқаддимаи** диссертатсия фарогири мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект, мавзуъ, асосҳои назариявии таҳқиқ, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиб ва амалисозӣ, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия мебошад.

Муаллиф дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуъро бо далелҳои илмӣ асоснок намуда, нишон медиҳад, ки дар забоншиносии тоҷик масъалаи таҳияи модели ягонаи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ то ҳанӯз ба таври мукаммал таҳқиқ нашудааст. Бинобар ин, таҳқиқи мазкур метавонад ҳамчун як қадами муҳим дар самти такмили назария ва амалияи тарҷумаи истилоҳот, таҳияи фарҳангҳои дузабонаи соҳавӣ ва таҳкими забони илмии тоҷикӣ хизмат намояд.

**Боби якуми** диссертатсия зери унвони **«Таърихи ташаккули марҳилаҳои тарҷума ва мушкилоти тарҷумаи истилоҳот дар тарҷумашиносӣ»** номгузорӣ шуда, дар доираи 3 фасли мустақил масъалаҳои заминаҳои таърихии рушди тарҷума, марҳилаҳои ташаккули мактабҳои тарҷумавии форсу тоҷик ва Аврупо, намудҳои тарҷума, назарияи мутобиқати байнизабонӣ ва дараҷаҳои муодилнокӣ дар истилоҳот таҳқиқ шудаанд. Муаллиф бо баррасии равандҳои таърихии ташаккули тарҷума нишон медиҳад, ки масъалаи интиқоли истилоҳоти илмӣ ҳамеша бо рушди донишҳои илмӣ ва густариши робитаҳои фарҳангӣ алоқаманд будааст. Ҷолиби диққат аст, ки дар ин боб истилоҳот ҳамчун воҳиди махсуси забонӣ таҳлил шуда, роҳу воситаҳои ташаккули низоми истилоҳӣ дар раванди тарҷума муайян гардидаанд.

**Боби дуюми** диссертатсия бо номи **«Мушкилоти тарҷуманопазирии истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар тарҷумашиносӣ»** ва иборат аз 3 фасл ба яке аз масъалаҳои муҳимми назарияи тарҷума бахшида шудааст. Дар ин қисмат муаллиф падидаҳои истилоҳгуна, истилоҳшавӣ, ҳазфи истилоҳ ва таҷдиди истилоҳро ҳамчун марҳилаҳои муҳимми тағйирёбии маъноӣ ва рушди низоми истилоҳот таҳлил менамояд. Ҳамчунин, масъалаҳои сермаъноӣ, омонимия, муродифот, мутазод ва «дӯстони дурӯғини тарҷумон» бо назардошти хусусиятҳои хоси забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Арзиши илмии ин бахш дар он ифода меёбад, ки муаллиф сабабҳои пайдоиши мушкилоти тарҷумаи истилоҳотро танҳо дар сатҳи луғавӣ маҳдуд накарда, онҳоро ҳамчун натиҷаи фарқияти низоми мафҳумӣ ва фарҳангии забонҳо шарҳ медиҳад.

**Боби сеюми** диссертатсия таҳти унвони **«Методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар тарҷумашиносӣ»** дар заминаи 2 фасли мустақил омода гардида, меҳвари назариявии диссертатсияро ташкил медиҳад. Дар ин боб мафҳумҳои асосии методологияи тарҷума – метод, стратегия ва техника (равиш)-и тарҷума – таҳқиқ гардида, муносибати байни онҳо муайян карда шудааст. Яке аз натиҷаҳои муҳимми илмии ин қисмати таҳқиқ муайян намудани хусусияти фарққунандаи методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ аз илмҳои табиӣ-риёзӣ мебошад. Муаллиф бо далелҳои назариявӣ собит менамояд, ки истилоҳоти гуманитарӣ бинобар иртибот бо мафҳумҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, таърихӣ ва фалсафӣ аксаран хусусияти чандқабатаи маъноӣ дошта, интихоби стратегияи тарҷумаро аз контекст вобаста месозанд.

**Боби чоруми** диссертатсия бо номи **«Равиши тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** унвон гирифта, дар пояи 10 фасли мустақил аз ҷиҳати фарогирии маводди таҳлилӣ яке аз бахшҳои муҳимтарини диссертатсия маҳсуб меёбад. Аз ҷониби муҳаққиқ дар ин боб тарҷумаи истилоҳоти даҳ соҳаи асосии илмҳои гуманитарӣ – фалсафа, забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, таърих, фарҳангшиносӣ, ҷомеашиносӣ,

сиёсатшиносӣ, равоншиносӣ, педагогика, ҳуқуқ, иқтисод ва диншиносӣ – мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Чунин фарогирии соҳаҳои гуногуни илмӣ ба муаллиф имкон додааст, ки умумият ва тафовути равишҳои тарҷумаи истилоҳоти соҳавиро муайян намояд. Арзиши ин боб дар он аст, ки муаллиф роҳу усулҳои гуногуни тарҷума, аз ҷумла калка, транслитератсия, транскрипсия, транспозитсия, шарҳи маънӣ, муайянсозӣ, мутобиқсозӣ, ҷубронкунӣ ва муодили функсионалиро бо мисолҳои мушаххас таҳлил кардааст. Ин таснифот метавонад ҳамчун заминаи назариявӣ барои таҳияи фарҳангҳои соҳавии дузабона ва такмили таҷрибаи тарҷумонӣ истифода шавад.

**Боби панҷуми** диссертатсия **«Корбаст ва таҳлили истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар мисоли асарҳои “Lost Enlightment” (“Маърифати гумшуда”)-и Фредерик Старр ва “Тоҷикон” (“Tajiks”)-и Бобоҷон Ғафуров ва таҳвилоти тарҷумаи онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** унвон гирифта, аз 3 фасл ташкил ёфтааст. Ин боб хусусияти таҷрибавию амалӣ дошта, натиҷаҳои назариявии қаблиро дар асоси маводди воқеии тарҷумавӣ санҷидааст. Интихоби асарҳои мазкур аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, онҳо дорои миқдори зиёди истилоҳоти таърихӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ мебошанд. Дар ин боби таҳқиқ таҳвилоти луғавӣ, луғавӣ-дастурӣ ва услубии тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ таҳлил гардидаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки дар тарҷумаи истилоҳоти гуманитарӣ танҳо ёфтани муодили луғавӣ кофӣ нест, балки зарурати ба назар гирифтани хусусиятҳои маъноӣ, фарҳангӣ ва услубии истилоҳ низ вуҷуд дорад.

Хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқнамудаи диссертант Рустамзода С.Р. аз 21 банд иборат буда, нишон медиҳанд, ки тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ ҳамчун яке аз масъалаҳои мураккаби тарҷумашиносии муосир хусусияти хоси назариявӣ ва амалиро доро буда, ба таърихи ташаккули тарҷума, низоми истилоҳот, муносибатҳои байнизабонӣ ва омилҳои фарҳангӣ иртиботи мустақим дорад. Дар диссертатсия марҳилаҳои рушди тарҷума ва ташаккули истилоҳот дар мактабҳои илмии Ғарб ва Шарқ,

назарияи мутобиқати байнизабонӣ ва дараҷаҳои муодилнокии истилоҳоти тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Муайян гардид, ки истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ аз истилоҳоти илмҳои табиӣ-риёзӣ бо хусусиятҳои маъноӣ, сохторӣ ва функсионалии худ фарқ дошта, бештар ба мафҳумҳои абстрактӣ, падидаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ алоқаманд мебошанд. Аз ин рӯ, дар раванди тарҷума онҳо бо мушкилоти сермаъноӣ, муродифпазирӣ, омонимия, асимметрияи байнизабонӣ ва падидаи «дӯстони дурӯғини тарҷумон» рӯ ба рӯ мешаванд.

Таҳқиқ собит намуд, ки барои ҳалли масъалаҳои тарҷуманопазирии истилоҳоти гуманитарӣ омӯзиши марҳилаҳои истилоҳгуна, истилоҳшавӣ, ҳазфи истилоҳ ва таҷдиди истилоҳ аҳаммияти муҳим дорад. Ҳамчунин, дар диссертатсия мафҳумҳои асосии методологияи тарҷума – метод, стратегия ва техника (равиш) – муайян гардида, нақши онҳо дар интихоби роҳҳои мувофиқи тарҷумаи истилоҳот нишон дода шудааст.

Дар асоси таҳлили истилоҳоти соҳаҳои гуногуни илмҳои гуманитарӣ, аз ҷумла фалсафа, забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, таърих, фарҳангшиносӣ, ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ, равоншиносӣ, педагогика, ҳуқуқшиносӣ, иқтисодиёт ва диншиносӣ, равишҳои асосии тарҷума муайян карда шуданд. Муайян гардид, ки барои интиқоли дурусти истилоҳот аз забони англисӣ ба тоҷикӣ ва баръакс усулҳои калка, транслитератсия, транскрипсия, транспозитсия, муайянсозӣ, шарҳи маънӣ, мутобиқсозӣ ва ҷубронкунӣ бештар истифода мешаванд.

Натиҷаҳои таҳлил нишон доданд, ки аксари истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ хусусияти бемуодил дошта, барои нигоҳ доштани маънои аслӣ ва вазифаи коммуникативии онҳо истифодаи таҳвилоти тарҷумавии луғавӣ, дастурӣ ва услубӣ зарур мебошад. Таҳвилоти мазкур имконият медиҳанд, ки мувозинати маъноӣ, услубӣ ва сохтории истилоҳот дар забони тарҷума таъмин гардад.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои диссертатсия аҳаммияти назариявӣ ва амалии муҳим дошта, метавонанд дар рушди назарияи тарҷума, истилоҳшиносӣ,

таҳияи фарҳангҳои соҳавӣ, танзими меъёрҳои истилоҳсозӣ ва баланд бардоштани сифати тарҷумаи матнҳои илмии гуманитарӣ истифода шаванд.

Маводди таҳқиқ метавонад дар таълими фанҳои «Назарияи тарҷума», «Истилоҳшиносӣ», «Забоншиносии муқоисавӣ», инчунин дар таҳияи фарҳангҳои соҳавии дузабона истифода шавад. Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқ барои фаъолияти амалии тарҷумонҳо, муҳаққиқон ва мутахассисони соҳаҳои гуногуни илмҳои гуманитарӣ аҳаммияти муҳим доранд.

Мазмуну муҳтавои диссертатсия дар 27 мақола, ки 17-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи КОА ҶТ ва 10 мақолаи боқимонда дар дигар нашрияҳо, аз ҷумла, конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ интишор гардидааст.

Рӯйхати адабиёт, ки фарогири адабиёти илмӣ, фарҳанг ва донишномаҳо, манобеъ ва захираҳои электронӣ мебошад, дар раванди таҳияи диссертатсия ба таври васеъ истифода гардидааст.

Диссертатсияи Рустамзода Саодат Рустам дар мавзуи «Методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, таҳти № 493 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Автореферат, ки мазмуну муҳтавои диссертатсияро ба таври муҷаз ифода менамояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиб баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо мақсади пешрафти корҳои таҳқиқии минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Диссертант дар боби аввали кори худ, дар баъзе маврид, ба таҳлили назарияҳои муҳаққиқони хориҷӣ пардохтааст, ҳол он ки унвонҷӯй метавонист ба сарчашмаҳои тоҷикӣ низ руҷуъ кунад (с. 29-78).

2. Дар саҳифаҳои алоҳидаи кор диссертант саргарми таҳлили маводди фактологии хеле зиёд шудааст (с. 226, 341, 400 ва ғ.). Аз ин рӯ, ҳаҷми диссертатсия хеле афзудааст (танҳо матни диссертатсия 418 саҳифа). Хуб мешуд, ки аз ҳисоби кам кардани мисолҳои таҳлилшуда ҳаҷми диссертатсия ба низом даровარда шавад.

3. Дар диссертатсия дугунагии истилоҳоти илмӣ (сермаъноӣ, омонимия, муродифот ва мутазод – с. 110 – полисемия, синонимия, антонимия ва омонимия – с.220) ба назар мерасанд, ки ҳамгун кардани онҳо аз манфиат холӣ нест.

4. Дар диссертатсия баъзе калимаҳо бар хилофи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ дарҷ ёфтаанд. Дар охири банди 16-уми «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобати забони тоҷикӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №268 тасдиқ шудааст, чунин омадааст: «Истифодаи калимаи иҷро, ки маънои иҷрои амалро дорад, дар шакли иҷроиш нодуруст аст». Аммо дар диссертатсия ин калима ба гунаи ғалат, яъне иҷроиш (с.128, 161, 201) чандин бор такрор шудааст.

5. Ба матни диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ, ба мисли мавзӯъ (с. 218, 308), нӯҳ (с. 57), ки бояд мавзуъ ва нуҳ шаванд, роҳ ёфтаанд.

6. Дар охири диссертатсия захираҳои электронӣ бе санаи муроҷиат ва таърихи дастрасӣ оварда шудаанд (с. 455-456).

Ба таври умум, эродҳои зикршудаислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Рустамзода Саодат Рустам ҳусни аз ин ҳам бештар зам менамоянд.

Камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ буда, дар умум, арзиши илми кори таҳқиқии мазкурро халалдор намесозанд, зеро муаллиф вазифаҳои дар назди худ гузоштаро дар сатҳи зарурӣ ба анҷом расонидааст.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи мавриди назар таҳқиқоти мукаммали илмӣ буда, аз сатҳи баланди таҳлили назариявӣ, истифодаи маводди фаровони илмӣ ва аҳаммияти амалии худ бархӯрдор аст. Муаллиф тавонистааст

масъалаи мураккаби тарҷумаи истилоҳоти гуманитариро дар доираи муносибати байнисоҳавӣ – забоншиносӣ, истилоҳшиносӣ ва тарҷумашиносӣ – таҳқиқ намуда, натиҷаҳои арзишманди илмӣ ба даст оварад.

Хулоса, диссертатсияи Рустамзода Саодат Рустам дар мавзуи «Методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ пешниҳод гардидааст, яке аз таҳқиқоти мукаммал дар самти омӯзиши тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи бандҳои 32, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии дархостшаванда сазовор аст.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи типология ва забоншиносии
муқоисавии Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров» Азимова Матлюба Нуриддиновна

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Исмоили Сомонӣ,
бинои 20, ҳуҷраи 41.
Тел: (+992) 92 646 80 55
E-mail: sabik_0091@mail.ru

**Имзои доктори илмҳои филологӣ, профессор**
**Азимова Матлюба Нуриддиновнаро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров» Сайдуллозода З.С.

**Суроғаи муассиса**: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков, 1.
Тамос: (+992) 928057007
E-mail: zarrina 14.10.70@mail.ru
Сомона: www.hgu.tj

02 09 2026